# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шурои муштараки диссертатсионии 6D.KOA-022 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон ба кори диссертатсионии Қувватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе), ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод шудааст

1. Ҳадафи муҳими низоми маориф тарбияи шахсияти фаъолу созанда ва бунёдкори ҷомеаи навини аз лиҳози техникиву технологӣ рушдёфта ба ҳисоб меравад. Бо ин мақсад омода намудани хонандагон ҳамчун мутахассисони оянда, ки бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ бошанд, яке аз масъалаҳои муҳимми соҳа маҳсуб меёбад. Дар ин самт ба дарёфт, таълиму тарбияи хонандагони болаёқат ва рушд додани қобилиятҳо онҳо махсусан дар сатми омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ таваҷҷуҳи аввалидараҷа дода мешавад.

Маҳз аз ҳамин хотир, Сарвари Давлат бо мақсади беҳтар намудани раванди омӯзиши илмҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ, инчунин рушди тафаккури техникии насли наврас, солҳои 2020-2040-ро «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намуданд, ки ин ташаббус ва дастурҳои Сарвари давлат нишон медиҳанд, ки омӯзиш ва рушди фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар сиёсати давлатӣ дар соҳаи илм ва маориф самтҳои афзалиятнок дониста шуда, сиёсати давлатиро дар ин самт муайян мекунанд.

Самтҳои ҷудогонаи бунёдии такмил ва омӯзиши фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ дар сиёсати давлатии соҳаи илм ва маориф дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Консепсияи миллии маълумот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 муайян карда шудаанд.

Хеле дуруст ва бомарид унвонҷӯ таъкид карддаст, ки имконнопазирии

таълиму тарбияи кӯдакони лаёқатманд дар як "боғоҷи таълимӣ" ҳарҷи бештар аз ҷониби ҷомеа эътироф шуда, мутахассисонро ба таҳияи моделҳои нави таълим водор мекунад. Мушкилоте, ки дар ин маврид ба миён меоянд, на танҳо ба интихоби механикии кӯдакони лаёқатманд аз миёни оммаи умумии хонандагон, балки ба масъалаҳои сарбории муносиб, низоми баҳодиҳӣ, дарсҳои иловагӣ, инкишоф ва таҳкими сатҳи баланди ҳавасмандгардонии таълим ва ҳифзи иҷтимоӣ вобаста мебошанд.

Ҷамъи андешаҳои дар боло зикршуда аз он далолат мекунанд, ки мавзуи барои таҳқиқоти диссертатсионӣ интихобнамудаи довталаб Қувватова Рафоат Ашӯровна мубрам ва саривақтӣ буда, аз арзиши назариявӣ ва амалӣ доштани таҳқиқоти диссертатсионӣ далолат мекунад ва ба ҳалли баъзе аз мушкилот ва ихтилофоти дар ин ҷода мавҷуда то ҳадди имкон мусидат хоҳад кард.

2. Диссертатсия мутобиқ ба талаботи Низомнома дар бораи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 ба тасвиб расидааст, иҷро шудааст. Кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон иҷро шуда, бо қарори ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи мазкур муҳокима ва ба ҳимоя пешниҳод шудааст (Суратҷаласа аз 25.05.2023, №11).

Дар хулосаи шуъба ва ҷаласаи васеи Семинари илмӣ-методии Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии АТТ ба диссертатсия баҳои объективию ҳаматрафа ва мусбат дода шудааст.

3. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ асосҳои назариявии масъалаҳои лаёқатмандӣ дар илмҳои педагогӣ ва психологӣ, консепсияҳои муосири педагогӣ оид ба лаёқатмандии хонандагон ва усулҳои таълими хонандагони болаёқат тавассути муносибати босалоҳият ба таълим фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат мавриди омӯзишу таҳқиқ ва баррасӣ қарор шуда, махсусияти омӯзиши амиқи фанҳои дақиқ дар шароити Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе,

такмили маҳорати касбии омӯзгорони Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе дар шароити татбиқи муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилияти хонандагони болаёқат аз фанҳои дақиқ тавассути Олимпиадаҳои фаннӣ ва озмунҳои зеҳнӣ аз тариқи баргузории таҳқиқоти таҷрибавию озмоишӣ тасвибу тасдиқ карда шудааст.

Муқаррарот ва хулосаҳои назариявӣ, ки дар рафти таҳқиқоти диссертатсия ба даст оварда шудаанд, барои такмили низоми таълими фанҳои дақиқ дар шароити литсей дар раванди таҳсилоти асосию миёна ва иловагӣ ва татбиқи минбаъдаи он замина фароҳам меорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, аз ҷумла маводи психологию педагогӣ, ташхисӣ, технологӣ ва методие, ки барои таълими фанҳои дақиқ ва рушди қобилиятҳои зеҳнии хонандагони болаёқат заруранд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорони гимназияю литсейҳо, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ки бо онҳо кор мекунанд, истифода бурда шаванд.

Инчунин, маводи бадастомада ва хулосаҳои таҳқиқот метавонанд ҳангоми маърӯзаҳо, курсҳои махсус, семинарҳо барои хонандагону омӯзгорони оянда ва шунавандагони курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон мавриди истифода қарор бигиранд.

4. Мазмун ва муҳтавои диссертатсияи Қувватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе) ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси илмии 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот: *банди 3* - «Антропологияи педагогӣ» (низомҳои /шароитҳои/ рушди шахс дар ҷараёни таълим, тарбия , таҳсилот;), *банди 4* – “Назария ва консепсияи таълим” (қонуниятҳо, принсипҳои таълими бачагон дар давраҳои гуногуни ҷавоирасии онҳо; навъҳо ва амсилаҳои таълим, худудҳои истифодаи онҳо;) мувофиқат мекунад.

5. Натиҷаҳои асосии кори диссертатсионӣ дар шуъбаи педагогика ва психологияи Пажӯҳшгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон баррасӣ гашта, дар семинарҳои илмӣ-методӣ ва илмӣ-амалии сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе, Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи А. Ҷомии Академияи таҳсилоти

Тоҷикистон, ҷаласаҳои шуъбаи педагогика ва психология, шуъбаи фанҳои табиатшиносию дақиқ ва риёзии Пажуҳишгоҳи рушди маориф, дар иттиҳодияҳои методии муаллимони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияи Фирдавсӣ ва сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе муҳокима ва мавриди тасвибу озмоиш қарор дода шуданд.

Муқарраароти асосии кори диссертатсионӣ ҳамчунин дар интишороти муаллиф тавассути нашри мақолаҳои илмӣ дар нашрияҳои илмӣ ва ироаи маърузаҳо дар чорабиниҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ироа ва тасвиби худро ёфтаанд. Ҳамчунин натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ мазмуни асосии таҳқиқотро ифода карда, ба теъдоди 10 мақолаи илмӣ: 4 номгӯй дар нашрияҳои илмии тақризшавандаи феҳристи тавсиянамудаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 2 номгӯй дар маҷмуаи маводи конференсияҳо ба табъ расидаанд.

Теъдоди интишороти довталаб дар нашрияҳои тақризшаванда ба талаботи банди 34 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни 2021, №267 тасдиқ шудааст, мутобиқ аст.

6. Маводи диссертатсия бо истифода аз ишораҳои мувофиқ ба муаллифони онҳо ва ба сарчашмаҳои иқтибосшуда корбаст шудаанд, ки ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат мекунанд.

7. Диссертатсия ба талаботи банди 53-и Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсинӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шудааст, дорои ягонагии дохилӣ, натиҷаҳо ва муқарраароти нави илмӣ барои ҳимояи ошкор мебошад, ки аз саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар илми педагогика шаҳодат медиҳад.

8. Талаботи Низомнома дар бораи шӯрои диссертатсиниро ба роҳбарӣ гирифта, комиссияи экспертии диссертатсияи Қувватова Рафоат Ашуровна тавсия медиҳад, ки:

1) Диссертатсияи Қувватова Рафоат Ашуровна дар мавзуи “Муносибати босалоҳият дар таълими фанҳои дақиқ барои хонандагони болаёқат (дар мисоли Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе) барои ҳимоя дар шӯрои диссертатсионӣ иҷозат дода шавад;

2) **Ба сифати муассисаи пешбар** - Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода ва **ба сифати муқарризони расмӣ:** Нугмонов Мансур - доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи ДДОТ ба номи С. Айнӣ ва Анварзода Ҳокимҷон Анвар - номзади илмҳои педагогӣ, директори Литсей барои бачагони болаёқат дар шаҳри Турсунзода таъин карда шаванд.

3) Барои муайян кардани вақти ҳимоя, нашр ва ҷойгир кардани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферат дар сомонаҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Академияи таҳсилоти Тоҷикистон, нашр ва паҳнкунии автореферат иҷозат дода шавад.

Раиси комиссияи экспертӣ,
доктори илмҳои педагогӣ — Мухаметов Г.Б.

Аъзои комиссияи экспертӣ:
доктори илмҳои педагогӣ — Каримзода М.Б.
номзади илмҳои педагогӣ — Туронов С. Ш.

12.09.2023

*“Имзои Г.Б. Мухаметов, М.Б. Каримзода ва С.Ш.Туроновро тасдиқ мекунам”*

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории АТТ — М. Саидова